Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-044 назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33)

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Раззоқзода Тамкин Мурод дар мавзуи “Масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст (Душанбе, 2024. – 31 саҳ.).

Фаъолияти бомароми мақомоти давлатӣ, баланд бардоштан ва беҳтар намудани вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии аҳолӣ яке аз вазифаҳои асосии давлат мебошад. Давлат тавассути мақомоту идораҳо идоракунии ҷомеаро амалӣ намуда, барои рушду такомул ва пешрафти ҷомеа чораҳои зарӯрӣ ва муассирро роҳандозӣ менамояд. Чунин ташаббус бо қабул ва татбиқи стратегияву барномаҳо ба роҳ монда шуда, ин раванд ислоҳотро дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ, аз он ҷумла ислоҳоти ҳуқуқиро тақозо менамояд. Рушд ва ташаккули мақомоти идораи давлатӣ дар партави ислоҳоти идораи давлатӣ ба даст омада, ба раванди Истиқлоли давлатӣ алоқамандӣ дорад. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои ҳуқуқӣ барои ташкил ва фаъолияти мақомоти идораи давлатӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ мустаҳкам шуда, барои рушди он заминаи ҳуқуқиро муҳайё намудааст. Дар қатори дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти ҳокимияти иҷроия бо назардошти муқаррароти қонунгузорӣ ташкили иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқиро амалӣ намуда, дар сатҳи маҳаллӣ ин рисолат ба зиммаи зинаи поёнии он, яъне мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия вогузор карда шудааст. Бо мақсади такмили заминаҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия ба қонунгузорӣ давра ба давра тағйиротҳо ворид карда шуда, бо назардошти ташаккул ва рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ масъалаҳое мавҷуданд, ки танзими ҳуқуқиро талаб намуда, омӯзиш ва таҳқиқоти илмиро талаб менамоянд.

Давлат чи дар сатҳи марказ ва чи дар сатҳи маҳал ҷонибдор ва манфиатдори ташкил ва танзими фаъолияти самараноки мақомоту

идораҳо буда, пай дар пай чораҳои дахлдорро ба роҳ мемонад, ки яке аз нишондиҳандаҳои таъиноти иҷтимоии давлат шуморида мешавад. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар навбати худ чунин таъинотро дар сатҳи вилоят, шаҳр ва ноҳияҳои ҷумҳурии амалӣ намуда, иҷрои самараноки санадҳои мақомоти олии қонунгузори кишвар, Президенти ҷумҳурӣ, Ҳукумати мамлакат, маҷлиси вакилони халқи ҳудуди дахлдорро таъмин менамояд.

Фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар рушди маҳал аҳаммияти муҳим дошта, бешубҳа самаранокии фаъолияти он ба идораи давлатӣ таъсири бевосита мерасонад. Самарабахшии фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар раванди ташкили иҷрои қонунгузорӣ ба баланд бардоштани сифати идораи давлатӣ равона шуда, дар худ таҷассуми сифати идораи давлатиро ифода менамояд. Ба таври муносиб ташкил ва ба роҳ мондани хизматрасониҳои давлатӣ дар маҳал, сатҳи зиндагии аҳолӣ ва матлуб қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти аҳолӣ, фаъолияти амалӣ зимни ҳуқуқтатбиқсозӣ ба фаъолияти ин зинаи мақомоти ҳокимияти иҷрои алоқаи зичро доро буда, бо таҳким ва такмили фазои ҳуқуқӣ таъмин карда мешавад.

Бинобар ин, таҳқиқоти илмии мазкур дар мавзуи масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби диссертант Раззоқзода Тамкин Мурод мубрам ва саривақтӣ баҳо дода мешавад, зеро мавзуи рисола то имрӯз ба таври алоҳида ба таҳқиқи илмӣ фаро гирифта нашуда, таҳқиқи он аҳаммияти баланди назариявӣ ва амалиро дар худ таҷассум менамояд.

Аз таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар худ ҷой намуда, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст. Дар қисмати муқаддима мубрамияти мавзуи тадқиқот, дараҷаи тадқиқи он ва унсурҳои таркибии тавсифи таҳқиқот ҷой гирифта, ҷавобгӯйи талаботи муқарраршуда мебошад. Дар боби якуми диссертатсия, ки асосҳои назариявӣ ва ҳуқуқии ташкили сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон номида шудааст, ҷойи ҳокимияти иҷроия дар низоми ҳокимияти давлатӣ, моҳият ва таъиноти сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар низоми идораи давлатӣ, асосҳои ҳуқуқии ташкили сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия баррасӣ шудаанд. Боби дуюми диссертатсия низоми мақомоти сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон номида шуда, дар он мафҳум ва таснифи мақомоти сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия, вазъи ҳуқуқии раиси вилоят, шаҳр, ноҳия ва самтҳои такмили ташкили сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия мавриди тадқиқ қарор гирифтаанд. Дар хулоса натиҷаҳои тадқиқоти иҷрошуда баён гардида, тавсияҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалӣ оварда шудаанд.

Аз фишурдаи қисматҳои асосии автореферат мушоҳида намудан мумкин аст, ки диссертант Раззоқзода Тамкин Мурод ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроияро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба омӯзиш ва таҳлил фаро гирифтааст. Зимни таҳқиқот дар баробари ҷанбаҳои назариявӣ, махсусан, ҷойи ҳокимияти иҷроия дар низоми ҳокимияти давлатӣ, моҳият ва таъиноти сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар низоми идораи давлатӣ, асосҳои ҳуқуқии ташкили сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия, мафҳуми мақомоти давлатӣ, мафҳуми идораи давлатӣ, идораи давлатии маҳаллӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия, ҳамзамон ба ҷанбаҳои амалии мавзуи таҳқиқшаванда, аз ҷумла, мафҳум ва таснифи мақомоти сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия, вазъи ҳуқуқии раиси вилоят, шаҳр, ноҳия, санадҳои ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия ва самтҳои такмили ташкили сатҳи маҳалии ҳокимияти иҷроия диққати ҷиддӣ зоҳир гардида, нисбат ба ҳолатҳои баҳснок баҳои асосноки ҳуқуқӣ пешниҳод намудааст. Масъалаҳои баҳсноки амалиро дар нуқтаҳои амалии ба ҳимоя пешниҳод гардида ва тавсияҳои дигари амалӣ, ки дар автореферат мавҷуд мебошад, мушоҳида намудан мумкин аст, ки бо посуххои илмӣ асоснок шудаанд.

Мазмуни автореферати диссертатсияи Т.М. Раззоқзода таҷассумгари он, ки таҳқиқоти илмии мазкур дар асоси нуқтаҳои илмии олимон ва мутахассисони соҳа, ташкил ва фаъолияти амалии мақомоти мазкур дар кишвар, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузории давлатҳои хориҷӣ ва ташкилу фаъолияти мақомоти мазкур дар таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ омода гардидааст. Аз ин хотир, ба хулоса омадан мумкин аст, ки диссертант ҳамаи вазифаҳои барои таҳқиқот гузошташударо ҳал намуда, ба мақсадҳои дар рисола гузоштешуда ноил шудааст. Ба назари мо, ба ин нигоҳ накарда баъзе аз масъалаҳое низ ба назар мерасанд, ки нисбат ба онҳо диққат додан аз манфиат холӣ нахоҳад буд. Аз ҷумла:

1) Дар нуқтаи чоруми ба ҳимоя пешниҳодшаванда муаллиф таснифи асосноки мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия пешниҳодро пешниҳод намудааст. Дар ин раванд, дар қатори дигар таснифоти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия, вобаста ба тартиби таъсис аз ҷониби Президенти ҷумҳурӣ таъсисёбанда, аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ таъсисёбанда ва аз ҷониби раисони вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо таъсисёбанда таснифот намудааст. Аз муаллиф пурсида мешавад, ки дар доираи таснифоти мазкур оид ба мақомоти маҳаллии аз ҷониби Президенти ҷумҳурӣ таъсисёбанда ва аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ таъсисёбанда дар сатҳи маҳал мавқеи худро баён намояд.

2) Аз мазмуни зербоби сеюми боби якуми автореферат бармеояд, ки он дар заминаи таҳлили ретроспективи (гузаштанигари)-и қонунгузорӣ таҳия гашта, дар худ хулосаҳои аз нигоҳи илмию амалӣ ояндабахшро барои рушди идораи давлатӣ маҳфуз медорад. Муаллиф асоснок қайд менамояд, ки нигоҳ ба таърих ва дар ин замина, таваҷҷуҳ ба таҷрибаи рушду такомули шаклҳои ташкилии идора ба дарки комили моҳияти тағйироте, ки дар низоми мақомоти иҷроия сурат доранд, имкон медиҳад. Байни шаклҳои ташкилӣ, таҷрибаи таърихӣ ва муайянсозии роҳҳои ҳалли масъалаҳои пайдошавандаи стратегӣ ва ҷории сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, миллӣ, динӣ ва фарҳангии инкишофи мамлакат, хусусан, дар марҳилаҳои гардишноки навсозӣ, ҳамбастагии зич ва ворисӣ вуҷуд дорад. Барои такмил ва рушди минбаъдаи идораи давлатӣ истифодаи таҷрибаи гузаштаи мусбии ташкили мақомоти идораи маҳаллӣ ва шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ муфид шуморида шуда, дар оянда таҳлил ва пешниҳоди онро аз ҷониби муаллиф мақсаднок ҳисобида мешавад.

Эрод ва мулоҳизаи баёншудаи мазкур ба сатҳ ва сифати автореферати диссертатсия таъсири манфӣ нарасонида, дар худ хусусияти назариявиро дошта, барои нисбатан комил гардидани рисола меттавонанд мусоидат карда бошанд.

Боиси қайд аст, ки бо назардошти мазмуни нуқтаҳои назариявӣ ва муҳиммияти нуқтаҳои амалии ба ҳимоя пешниҳоднамуда, автореферати диссертатсияи Т.М. Раззоқзодаро мусбӣ арзёбӣ намудан мумкин аст. Мусбат арзёбӣ намудани автореферати диссертатсия ҳамзамон бо он асоснок мегардад, ки диссертатсияи Т.М. Раззоқзода аввалин таҳқиқоти илмии алоҳида ва мукаммал буда, ба омӯзиш, баррасӣ ва таҳлили масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудааст.

Дар маҷмуъ боиси қайд аст, ки автореферати диссертатсияи Раззоқзода Тамкин Мурод ба пуррагӣ мазмун ва моҳияти диссертатсияро

таҷассум менамояд. Масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он пай дар пай матраҳ гардида, вобаста ба онҳо баҳои асосноки ҳуқуқӣ дода шудааст, ки боиси дастгирист. Мазмуни автореферати диссертатсияи Т.М. Раззоқзода таҷассумгари он аст, ки мавзуи таҳқиқот дар шароити имрӯза муҳим ва зарурӣ арзёбӣ гардида, ба талаботи муқарраркардаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯй мебошад. Инчунин, он аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ, нуктаҳои нави илмӣ мебошад. Аз ин хотир, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14. – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) сазовор мебошад.

Муқарриз:
Сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қудратов Н.А.

«Имзои Қудратов Н.А.-ро тасдиқ мекунам»:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Ҷӯраев Ш.Н.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, кӯчаи Борбад 48/5,**Тел.:** (+992 237) 234-88-02. **E-mail:** kudratov.nek@gmail.com

«16» 05 2024 с.